**ХУЛОСАИ**
**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи: «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммад А.Н., доктори илмҳои фалсафа, профессор Идиев Х.У. ва доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев А.Х. диссертатсияи Таваров Дилшод Саидмуродовичро ташхис намуда, хулосаи зеринро пешниҳод намуд.

**Муҳимияти омӯзиши мавзӯъ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ тӯли ду даҳсолаи охир раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ оғоз гардидааст. Вобаста ба сиёсати иттилоотонии мамлакат, махсусан вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ташаккулдиҳии инфрасохтори иттилоотии мамлакат як зумра қонунҳо, қарорҳо, консепсияҳо, стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд. Аммо дар мамлакати мо дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ монеаҳое мавҷуданд, ки амалишавии барномаҳо ва стратегияҳои давлатиро ғайриимкон мегардонанд. Бо дарназардошти чунин омил, омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ, раванди ташаккулёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда ва ниҳоятан илман асоснок намудани самтҳои афзалиятноки рушди ин навъи ҷомеа хеле зарур мебошад. Муҳимияти омӯзиши мавзӯъ боз дар он ифода меёбад, ки марҳилаҳои навбатии рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни мамлакат аз сатҳу сифати инфрасохтори иттилоотии мамлакат ва чигунагии истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми саривақтӣ буда, барои рушди ояндаи мамлакат хеле муҳим дониста мешавад.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор додани мавзӯи мазкур аз он хотир муҳим мебошад, ки дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ҳаёти сиёсии ҷомеа низ дар канор намонда, дар зери таъсири дигаргуниҳои технологию иттилоотӣ қарор гирифта, шакл ва мазмуни худро тағйир медиҳад. Пеш аз ҳама, дар раванди идоракунии давлатӣ истифода гардидани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ сиёсати давлатиро ба дигаргунии ҷиддӣ рӯ ба рӯ намуда, дар назди он вазифаҳои навро мегузорад. Чунончӣ, ташаккули ҳукумати электронӣ, ба амал омадани ҳузури ҳукумат дар шабакаи интернет, сохта ба истифода додани системаҳои иттилоотии соҳавӣ, таъмин намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар заминаи системаҳои иттилоотӣ ва ғ. дигаргуниҳое мебошанд, ки сиёсати иттилоотонии давлатро мазмуни нав мебахшанд.

**Навоварии илмии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои инкишофёбии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси таҳлилу баррасии консепсияҳои илмӣ ва назарияҳои сиёсӣ моҳият, хусусият ва

инчунин нишонаҳои муҳимтарини ҷомеаи иттилоотиро нишон диҳад. Дар таҳқиқоти мазкур раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, заминаҳои асосии рушду инкишофи ин навъи ҷомеа ва хусусиятҳои муҳими ин марҳилаи рушду инкишоф муайян карда шудааст. Бояд гуфт, ки агарчанде рушди инфрасохтори иттилоотии мамлакат дар зери таъсири бахши хусусӣ ба амал ояд ҳам, нақши давлат дар таъмини рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ хеле калон. Чунин ҳолат дар диссертатсияи мазкур хеле хуб нишон дода шудааст. Бо ин мақсад, муаллиф дар таҳқиқоти худ нақш ва мавқеи давлатро дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, инфрасохтори иттилоотии мамлакат, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти иттилоотии кишвар нишон додааст. Дар диссертатсияи мазкур истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ низ хеле хуб омӯхта шудааст. Ин аст, ки дар таҳқиқоти мазкур дар мисоли ташаккулёбии ҳукумати электронӣ нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ, пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат муайян карда шудаанд. Яке аз муваффақиятҳои асосии муаллиф дар он ифода меёбад, ки ӯ ба масъалаи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии Тоҷикистон низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар диссертатсия раванди ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотӣ ва заминаҳои пайдоиш ва рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлили воқеияти сиёсӣ анҷом дода шудааст. Бинобар ин, хулосаю пешниҳодҳои муаллиф барои омӯзиши минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ маводи илмию назариявӣ маҳсуб меёбад. Сатҳи илмию назариявии таҳқиқот боз дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди омӯзиши мавзӯи таҳқиқотӣ методҳои илмии муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, функсионалӣ, сохторӣ, типологӣ, таҳлил ва таҷзияро ба таври васеъ истифода намудааст. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба консепсияҳои классикӣ ва назарияҳои замони муосир такя намуда, қонуниятҳои рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотиро бо назардошти онҳо муайян намудааст. Инчунин дар диссертатсияи мазкур назарияҳои «постиндустриализм», «ҷомеаи донишгаро», «мавҷи сеюм», «иртиботи оммавӣ», «иқтисоди иттилоотӣ», «ҳукумати электронӣ» ва ғ. ба таври васеъ истифода гардидаанд, ки илмияти таҳқиқотро хеле боло бурдаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, сотсиология ва антропологияи сиёсӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот барои муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши дигаргуниҳои сифатӣ ва равандҳои сиёсии замони муосир машғуланд, аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Инчунин хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода намудан мумкин аст.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология ва методҳои истифодашуда, адабиёти илмии истифодашуда ва аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзиш қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар шаш мақолаи илмӣ ва ду маърӯзаи муаллиф чоп гардидаанд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда,

таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия мухтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, Таваров Дилшодҷон Саидмуродович аз ӯҳдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашуда мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва бартараф намудани монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии ватанӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои таъмини амнияти иттилоотии мамлакат ва рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Таваров Дилшодҷон Саидмуродович дар мавзӯи: «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ барои ҳимоя тавсия мегардад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Муҳаммад А.Н.

Аъзои комиссия:
Доктори илмҳои фалсафа, профессор Идиев Х.У.

Доктори илмҳои фалсафа, профессор Самиев А.Х.